**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.09.2023, №17

Барои сазовор донистани
Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308) 30-юми июни соли 2023, суратмаҷлиси №14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна 22-юми апрели соли 1980 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Солҳои 1999-2003 ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №62-и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолиятро оғоз намуда, дар баробари фаъолияти корӣ солҳои 2000-2005 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон (ҳоло ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2003 то соли 2005 ба ҳайси китобдори китобхонаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намудааст ва аз соли 2006 то соли 2013 ҳамчун ассистенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намудааст. Солҳои 2008-2009 дар баробари омӯзгор будан ҳамчун мудири китобхонаи ДДЗТ ба номи С.Улуғзода кор намудааст. Соли 2013 омӯзгори калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С.Улуғзода, ҳамзамон аз соли 2013 то соли 2016 муовини декан оид ба таълим дар факултети забонҳои романӣ-германии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода ифои вазифа намудааст. Соли 2016-2017 Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Соли 2017-2018 дар вазифаи мудири китобхонаи илмии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият намудааст. Соли 2018-2019 ҳамчун мудири бахши сифати таҳсилоти Коллеҷи техникӣ-омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ иҷрои вазифа намудааст. Солҳои 2019-2021 ба сифати омӯзгори калони кафедраи забон ва

адабиёти Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то ҳол муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият дорад. Солҳои 2014-2018 унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Элбоев Вафо Ҷӯрақулович, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Солеҳов Мирзо Одинаевич, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Аминӣ Алишер Файзуллоҳ, номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишкадавии филология ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба диссертатсия тақризи **мусбат** пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Юсупов Умриддин - мудири шуъбаи таърихи адабиёт, доктори илми филология, Муҳаммадиев Шамсиддин - ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёт, котиби илмии ҷаласа Давлатова Холида – ходими хурди шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва имзою мухри директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илми филология, профессор Ф.Х. Шарифзода пешниҳод ва қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Ширинова Бахтинисо Бахридиновна дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде

таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 6-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ширинова Б.Б. «Юсуф ва Зулайхо» дар Инҷил ва Қуръон [Матн] / Б.Б. Ширинова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. №4/10(187). – С.204-211.

[2-М]. Ширинова Б.Б. Таҳлили муқоисавии қиссаи Юсуф паёмбар дар Инҷил, Қуръон ва достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Б.Б. Ширинова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2015. №6 (67). – С.207-211.

[3-М]. Ширинова Б.Б. Манбаъҳои достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Б.Б. Ширинова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. №3 (86). – С.116-120.

[4-М]. Ширинова Б.Б. Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Б.Б. Ширинова // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2021. №3(43). – С.118-123.

[5-М]. Ширинова Б.Б. Афкори адабии Ҷомӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» [Матн] / Б.Б. Ширинова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. №5 (94). – С.146-148.

[6-М]. Элбоев В., Ширинова Б.Б. Мавқеи хоб ва руъё дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / В. Элбоев, Б. Б. Ширинова, // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. №6 (101). – С.211-215.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар конфронс, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Ширинова Б. Андешаҳои Абдулғанӣ Мирзоев оид ба мақоми Алишери Навоӣ [Матн] / Б.Б. Ширинова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Узбекистон: ҳолат ва дурнамо» // Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (30.11. – 01.12.2021). – С.448-455.

[8-М]. Ширинова Б. Симои Зулайхо дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] // Маводи Конференсияи байналмилалии илми-назариявӣ дар мавзуи «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда, дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику узбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ

ва фарҳангии Тоҷикистону Узбекистон» (28-29 апрели соли 2023) // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (27-28 апрели соли 2023). – С.242-250.

Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

**1.** Тақризи Нуров Нуралӣ, доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод гардида, тақриз мусбат буда, дар он ду эрод зикр гардидааст:

- ба назари мо, чун диссертатсия “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон дорад, дар боби аввал баррасии масоиле чун мавқеи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра ва ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон зарурат надорад. Хосатан, масъалаи ҷомишиносӣ, ки қисмате аз он дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ баён гардида, дар фасли сеюм ин боб чун такрор ба назар мерасад;

- дар автореферат ҳарчанд хеле кам аст, аммо ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳ. 16, 18 ва ғ.) ба чашм мерасад, ки ислоҳи он ба манфиати кори муҳақиқӣ аст.

**2.** Тақризи Муҳаммадиев Алӣ, номзади илми филология, мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия “Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон” унвони на ҳама муҳақиқон, ки дар ҷомишиносӣ саҳм доранд, оварда нашудаанд;

- дар фасли чоруми боби сеюми диссертатсия “Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон” санъатҳои ками бадеӣ оварда ва таҳлил шудаанд, ки баъзан умумигӯянд;

- дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, монанди саҳ. 6, 12, 13, 19, 21 ва ғ., ки ислоҳи онҳо зарур аст;

- дар автореферат иқтибосҳои зиёди назмӣ ба назар мерасад, ки то андозае ҳусни корро костаанд.

**3.** Тақризи Шарипов Шариф Раҳмонович, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар автореферат тарзи навишти баъзе аз сарчашмаҳо ислоҳ мехоҳад;

- ба андеша мо, хулосаи боби якум ва сеюми таҳқиқот ба бознигорӣ ниёз дорад.

**4.** Тақризи муқарриз Ҷурғосиев Мулоаҳмадшоҳ, номзади илми филология, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар маҷмуъ мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:

- ба андешаи мо диссертант мисолҳоро аз достонҳо ҳаҷман зиёд оварда, ба таҳлилу баррасии муҳтавои достон камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст;

- дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- унвонҷӯ Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ ба омӯзиши сарчашмаҳои достон, пажуҳиши муҳтаво, сюжет, образҳо, ҷойгоҳи фоҷиа, ҳунари шоир дар эҷоди асар, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон ва баёни шоир, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат ва унсурҳои муколама дар ин асари Ҷомӣ аз нигоҳи адабиётшиносӣ ба анҷом расонидааст;

- дар адабиётшиносӣ бори аввал масъалаҳои марбут ба поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар доираи як асари илмии мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

- осори адабии Ҷомӣ, хусусан достони «Юсуф ва Зулайхо» дар қатори дигар асарҳои гуногунмавзуъ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикии асри XV мақом ва ҷойгоҳи арзанда дорад;

- пажуҳиш дар заминаи баррасии маводи соҳаи илмҳои адабиётшиносӣ ва бахшҳои он, махсусан, таърихи адабиёти асри XV анҷом ёфтааст;

- таъйини ҳунари шоирӣ ва завқу салиқаи зебошинохтии шоир бо такя ба достони ӯ аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** ба он асоснок карда шудааст, ки маводи диссертатсияро дар таҳқиқи ҷомеи адабиёти асри XV, таъйиди рӯзгору осори Ҷомӣ, хондани лексияҳо, навиштани рисолаҳои илмии номзадӣ, доктори фалсафа PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми бакалаврӣ, комплексҳои таълимӣ дар факултетҳои филологӣ ва забонҳои Шарқ, дар ҷараёни таълими дарсҳо аз фанҳои таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ, сабкшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти тоҷик, назмшиносӣ ва каломи бадеъ истифода бурдан мумкин аст.

Дар мавриди ҷойгоҳи ин қиссаи пуршӯр дар адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ як қатор пажуҳишҳое сурат гирифтаанд, ки ба аҳли таҳқиқ маводи дорои моҳияти зарурииро пешкаш карда метавонанд. Роҷеъ ба таърих, пажуҳиш, заминаҳои эҷод, ҷойгоҳи қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар сарчашмаҳо ва масъалаҳои маърифати он муҳаққиқони зерин пажуҳишҳои хуби илмие анҷом додаанд, ба монанди Е. Э. Бертелс, Забеҳулло Сафо, Абдурасул Хайёмпур, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, М. Б. Пиатровский, А. Зуҳуриддинов, С. Амирқулов, А. Қулиев, А. Сатторзода, У. Ғаффорова, В. Элбоев, С. Азорабеков, Б. Шерназаров ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили сохтори асари бадеӣ ва консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо навишта шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд**, ки натиҷаву хулоса ва маводи илмии диссертатсия имкон дорад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои умдаи илмҳои таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, ахлоқ, фарҳанг, таъсири Қуръон ба адабиёти форсии тоҷикӣ, мардумшиносӣ ва ғайра барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводи диссертатсияро барои таълифи китобҳои дарсӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, таърихи адабиёти тоҷикии Фарорӯд, таърихи адабиёти суфия, таълифи фарҳангҳои ирфонӣ, рисолаҳои илмии марбут ба масъалаҳои забоншиносӣ, поэтикаи забони осори классикӣ, сабкшиносӣ ва амсоли инҳо истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Муҳаққиқ бори нахуст поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, аз ҷумла масъалаҳои достоннависӣ дар асри XV, нусхашиносӣ, шарҳнигорӣ, сарчашмаҳо, сохти композитсионӣ, таҳлили образҳо, поэтика, ҷойгоҳи фоҷиа, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ ва маъниофаринӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ, забони достон, ҷойгоҳи унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва хоббиниро ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 20 сентябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намуд. Аз 12 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – **12** нафар, муқобил – **нест,** бетараф – **нест,** бюллетенҳои беэътибор – **нест.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Салихов Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Қурбонзода Р.Қ.

20.09.2023